«Тасдиқ мекунам»

Ректори донишгоҳ

____________А.Раҳмонов

аз_____декабри соли 2013

**Тартиби**
**баргузории санҷишҳои тафриқавӣ (дифференсиронӣ) тибқи низоми кредитии таҳсилот дар Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ**

## 1. Муқаррароти умумӣ

1.1. Тартиби баргузории санҷишҳои тафриқавӣ (дифференсиронӣ) тибқи низоми кредитии таҳсилот (минбаъд Тартиб) дар Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ (минбаъд Донишгоҳ) дар асоси Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф», Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи таҳсилоти олии касбӣ ва таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии таълимӣ», «Низомнома оид ба низоми кредитии таҳсилот дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон», ки бо қарори мушовараи Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 25.11.2011, №21/9, «Низомнома доир ба низоми кредитии таҳсилот дар Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ» аз 27.03.2013, №3, ки бо қарори Шӯрои олимони Донишгоҳ тасдиқ шудааст, Оинномаи Донишгоҳ ва дигар санадҳои меъёрӣ - ҳуқуқии соҳаи маориф таҳия гардидааст.

1.2. Тартиби мазкур баргузории санҷишҳои тафриқавӣ (дифференсиронӣ)-ро тибқи низоми кредитии таҳсилот дар сохторҳои Донишгоҳ ба танзим медарорад.

## 2. Ташкил ва ҷараёни санҷиши тафриқавӣ (дифференсиронӣ)

2.1.Санҷиши тафриқавӣ (дифференсиронӣ) санҷишест, ки аз ҷониби омӯзгор ва ёвари ӯ дар асоси нақшаи такягоҳии таълимӣ, нақшаи кори таълимӣ, барномаи таълимӣ, барномаи корӣ аз фанни таълимӣ, аз донишҷӯён қабул карда мешавад.

2.2.Санҷиши тафриқавӣ (дифференсиронӣ) аз санҷиши анъанавӣ фарқаш дар он аст, ки ба донишҷӯ дар асоси ҷавобҳои дурусти ӯ ба ҷойи «комёб» ё баҳои «3,4,5» гузошта шуда, дар дафтарчаи имтиҳонияш қайд

мегузорад. Агар донишҷӯ аз натиҷаи санҷиш ноком гардад дар варақаи имтиҳонӣ баҳои ғайриқаноатбахш ё баҳои «2» мегузоранд, ҳам омӯзгор ва ҳам ёвари ӯ дар варақаи санҷишӣ имзо мегузорад.

2.3.Санҷиши тафриқавӣ (дифференсиронӣ) метавонад бо низоми 100 бала баҳогузорӣ шавад. Дар он ҳолат меъёре, ки дар «Низомномаи кредитии таҳсилот ДДОТ ба номи Садриддин Айнӣ» муқаррар карда шудааст, баҳогузорӣ ва ё хонапурӣ карда мешавад.

2.4.Пеш аз санҷиши тафриқавӣ (дифференсиронӣ) билетҳои санҷишӣ дар кафедра муҳокима шуда бо имзои мудири кафедра, омӯзгор ва мӯҳри декани факултет тасдиқ карда мешаванд.

2.5.Тестҳо низ бояд дар кафедра муҳокима шуда, бо имзои мудири кафедра, омӯзгор ва мӯҳри декани факултет тасдиқ карда шаванд.

## 3. Таҳияи саволномаҳои санҷиши тафриқавӣ (дифференсиронӣ)

3.1. Дар Донишгоҳ кафедраҳои тахассусӣ, умумидонишгоҳӣ ва Бахши таҳияи тестҳо барои омода намудани саволномаҳо масъул мебошанд;

3.2. Миқдори саволномаҳои ҳар як фан вобаста ба кредитҳо якҷоя бо пешниҳоди кафедра дар кафедраҳо ва Шӯрои олимони факултет тасдиқ мешавад;

3.3.Баъди тасдиқ саволномаҳо барои мувофиқа ба Раёсати таълим ва Бахши таҳияи пешниҳод карда мешаванд;

3.4.Раёсати таълим дар асоси нақшаи таълимӣ номгӯи фанҳое, ки аз онҳо санҷиши дифференсиронӣ гирифта мешаванд, муайян карда, тарзи баргузории онро ба шакли шифоҳӣ, хаттӣ ва тестӣ-қоғазӣ муайян менамояд;

3.5. Мутасаддиёни Бахши таҳияи тестҳо барои махфӣ нигоҳ доштани калиди саволномаҳо ҷавобгаранд ва бо ин мақсад корҳои заруриро ба ҷо меоранд.

3.6.Саволномаро устодон метавонанд пешакӣ ба донишҷӯён пешниҳод намоянд ва ё дар силлабус, барномаи корӣ аз рӯи фан ҷой намуда, корҳои фаҳмондадиҳиро дар дарсҳои КМД ва КМДРО гузаронанд.

## 4. Ҷараёни баргузории санчиши тафриқавӣ (дифференсиронӣ)

4.1. Барои муташаккилона баргузор намудани санҷиши тафриқавӣ (дифференсиронӣ) тибқи тақвими академӣ аз ҷониби декани факултет ҷадвали санҷишҳои тафриқавӣ (дифференсиронӣ) тартиб дода мешавад,

ки он аз ҷониби декани факултет тасдиқ ва бо мудири шуъбаи бақайдгирӣ ва машваратӣ ва сардори Раёсати таълим мувофиқа карда шуда, аз ҷониби муовини ректор оид ба корҳои таълимӣ тасдиқ мегардад ва дар он мӯҳри Раёсати таълим гузошта мешавад;

4.2. Дар ҷадвал номи фан, ному насаби омӯзгор, ному насаби ёвари омӯзгор миқдори кредитҳои ба ин фан ҷудошуда, санаи баргузорӣ, ҷой ва соати баргузорӣ нишон дода мешавад;

4.3. Ҷонишини декан-эдвайзер оид ба таълим ва омӯзгор ба донишҷӯён моҳият ва аҳамияти санҷиши тафриқавӣ (дифференсиронӣ)-ро аз фанни таълимӣ фаҳмонда, бо суратҷаласаи махсус онро ба расмият медарорад.

4.4. Санҷишҳои тафриқавӣ (дифференсиронӣ) дар ҳафтаи 16-уми семестр бо иштироки ёвар дар машғулиятҳои КМДРО бе халалдор гардидани раванди таълим баргузор мегарданд;

4.5. Бо иштироки ёвар аз ҳар як фанне, ки миқдори кредитҳояшон дар нақшаи таълимӣ аз 2 то 4 кредитро ташкил медиҳанд, санҷиши тафриқавӣ (дифференсиронӣ) қабул карда мешавад;

Барои ташкили санҷиши тафриқавӣ (дифференсиронӣ) кафедраҳои марбута саволномаҳоро дар асоси миқдори кредитҳои барои фан ҷудошуда ва омӯхташуда таҳия намуда, онро дар кафедра муҳокима ва бо мӯҳри декан тасдиқ мекунанд. Билетҳои беимзо ва бемӯҳр ғайриқонунӣ дониста шуда, дар чунин ҳолат санҷиши тафриқавӣ (дифференсиронӣ) бекор карда мешавад;

Корҳои мустақилонаи донишҷӯ, корҳои санҷишии донишҷӯён, ҳисоботи кори лабораторӣи онҳо қабл аз баргузории санҷиши тафриқавӣ (дифференсиронӣ) аз ҷониби омӯзгор қабул карда мешавад. Аз ҷониби донишҷӯ насупоридани КМД, корҳои санҷишӣ ва дигар супоришҳои пеш аз санҷиши тафриқавӣ (дифференсиронӣ) боиси паст кардани холҳои бадастовардаи донишҷӯён мегардад.

Дар рӯзи қабули санҷиши тафриқавӣ (дифференсиронӣ) талаб намудани корҳои мустақилонаи донишҷӯён, корҳои санҷишии донишҷӯён манъ аст. Онҳо бояд дар рӯзи навбатдории устод дар кафедра ва ё синфи алоҳида қабул карда шавад;

4.6. Омӯзгор вазифадор аст, ки барномаҳои кории фаннӣ барои донишҷӯён (Syllabus) ва саволномаҳоро дар оғози семестр ба донишҷӯён дар шакли чопӣ дастрас созад ва дар сомонаи Донишгоҳ ва ё дар сомонаи алоҳидаи худ ҷойгир намояд;

4.7. Омӯзгор пас аз баргузории санҷиш то соати $17^{00}$ санҷишро бо шакли анъанавӣ ва ё бо хол ва баҳои рақамӣ дар варақаи имтиҳонӣ

натиҷагирӣ карда, ҳуҷҷати мазкурро ба ҷонишини декан-эдвайзер месупорад;

4.8. Ҳангоми дуқалама кардани варақаи имтиҳонӣ ба омӯзгор ҷарима таъин карда мешавад, ки он тибқи «Низомнома оид ба ҳавасмандгардонӣ ва муҷозотдиҳӣ дар ДДОТ ба номи Садриддин Айнӣ» амалӣ мегардад;

4.9. Омӯзгор якҷоя бо ёвараш рӯйхати донишҷӯёнро бо баҳои гирифтааш дар шакли анъанавӣ ва ё бо холҳои бадастовардаашон имзо гузошта, дар тахтаи эълонҳои факултет насб менамоянд.

4.10. Ҳангоми ба тариқи автомати тавассути барномаҳои алоҳидаи компютерӣ гирифтани санҷиши тафриқавӣ (дифференсиронӣ), холҳои тариқи барномаҳо гузошта шуда, ба шуъбаи бақайдгирӣ ва машваратӣ тавассути алоқаи интернетӣ автоматӣ гузаронида мешавад;

4.11. Варақаҳои санҷишӣ дар чунин ҳолат баъди гузаштани санҷиш ва баровардани варақаи санҷишӣ тавассути принтер аз ҷониби омӯзгор ва намояндаи Шӯъбаи бақайдгирӣ ва машваратӣ тасдиқ карда мешавад.

## 5. Меъёри холгузорӣ

5.1. Ҳангоми тариқи тестӣ баргузор намудани санҷиши тафриқавӣ (дифференсиронӣ) тестҳо бояд аз 10 савол ва барои ҳар як донишҷӯ варианти алоҳида тартиб дода шавад. Омӯзгор ба ҳар як ҷавоби дурусти донишҷӯ 10 хол мегузорад. Дар ин ҳолат аз ҷониби донишҷӯ насупоридани КМД, корҳои санҷишӣ ва дигар супоришҳои пеш аз санҷиш боиси паст кардани холҳои бадастовардаи донишҷӯён намегардад. Агар санҷиши тафриқавӣ (дифференсиронӣ) ба шакли анъанавӣ гирифта шавад, билетҳо таҳия шуда аз чор савол иборат мегарданд. Ду саволи назарӣ, ду саволи амалӣ (масъала ё машқ) иборат мешавад. Дар сурати ҷавоби пурра додан ба донишҷӯ баҳои «аъло» гузошта мешавад. Тибқи муқаррарот баҳоҳои дигар низ ба донишҷӯ мувофиқи ҷавобҳояш гузошта мешавад.

5.2. Ба холҳои дар санҷишҳои тафриқавӣ (дифференсиронӣ) соҳибгаштаи донишҷӯ ворид намудани тағйирот ғайр аз ҳолатҳои дар банди 11.3., нишон дода шуда қатъиян манъ аст.

## 6. Тартиби назорати холгузории воқеъбинона

6.1. Рафти воқеъбинона холгузорӣ намудани тестҳо зери назорати пайвастаи муовини Ректор оид ба корҳои таълимӣ, Раёсати таълим, садорати факултет буда, ба он Шуъбаи бақайдгирӣ ва машваратӣ,

Бахши идоракунии сифати таҳсилот ва кафедраҳои таълимӣ масъул мебошанд.

6.2. Масъулони Раёсати таълим, садорати факултет, Шуъбаи бақайдгирӣ ва машваратӣ ва Бахши идоракунии сифати таҳсилот варақаи ҷавоби донишҷӯёнро бо калиди ҷавобҳои дуруст муқоиса менамоянд ва дар сурати зарурӣ ба Ректори Донишгоҳ гузориши шифоҳӣ ё хаттӣ пешниҳод менамоянд.

6.3. Дар ҳолатҳои зарурӣ барои назорати раванди шаффоф баргузор намудани санҷиши тафриқавӣ (дифференсиронӣ) комиссия таъсис дода мешавад, ки ҳайати онро Ректори Донишгоҳ тасдиқ менамояд.

## 7. Аппелятсияи санҷиши тафриқавӣ (дифференсиронӣ)

7.1. Бо мақсади таъмини ҳуқуқҳои донишҷӯён дар давраи санҷиши тафриқавӣ (дифференсиронӣ) комиссияи аппелятсионӣ таъсис дода мешавад, ки ҳайати онро дар мувофиқа бо Ректор муовини ректор оид ба корҳои таълимӣ тасдиқ менамояд. Тартиби фаъолияти комиссияро «Низомномаи комиссияи аппелятсионӣ ҳангоми санҷишҳои тафриқавӣ (дифференсиронӣ) дар Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ» муайян менамояд;

7.2. Аппелятсия як рӯз пас аз эълони натиҷаи санҷиш дар асоси аризаи донишҷӯ гузаронида мешавад;

7.3. Тартиби гузаронидани аппелятсия дар Донишгоҳ ба таври зайл аст:

- донишҷӯи Донишгоҳ рӯзи эълон шудани натиҷаи санҷиш, бо нишондоди фан ва рақами тартибии саволе, ки бояд аз ҷониби комиссия аз нав дида баромада шавад, ба номи мудири Шӯъбаи бақайдгирӣ ва машваратии Донишгоҳ ариза месупорад.
- мудири Шуъбаи бақайдгирӣ ва машваратии Донишгоҳ аризаи донишҷӯро дида баромада, бо назардошти мувофиқати он ба ҳолатҳои дар банди 7.2. овардашуда оид ба зарурати аппелятсия қарор қабул мекунад.

7.4. Натиҷаи аппелятсия ба варақаи аппелятсионӣ, ки мутахассиси Шӯъбаи бақайдгирӣ ва машваратии Донишгоҳ омода намудааст, гузаронида мешавад.

## 8. Фаъолияти Раёсати таълим зимни баргузории санҷишҳои тафриқавӣ (дифференсиронӣ)

8.1. Раёсати таълим дар баргузории санҷишҳои тафриқавӣ (дифференсиронӣ) корҳои зеринро ба сомон мерасонад:

- муҳлати баргузории санҷишҳои тафриқавӣ (дифференсиронӣ)-ро тибқи тақвими академӣ муайян месозад;
- теъдоди меъёрии саволномаҳои анъанавӣ, саволномаҳои тестӣ ва сифати онҳоро месанҷад;
- рафти омодагии кафедраҳо, шӯъбаи бақайдгирӣ ва машваратӣ, бахши таҳияи тестҳо ва фаъолияти ҷонишини декан-эдвайзерони факултетҳоро назорат менамояд;
- ҷараёни баргузории санҷишҳои тафриқавӣ (дифференсиронӣ)-ро тибқи ҷадвали ба тасвибрасида назорат намуда, ҷиҳати бартараф намудани нуқсонҳои баамаломада тадбирҳо меандешад;
- дар мӯҳлати муқарраршуда гузаронидан ва натиҷагирӣ шудани саволномаҳои тестиро назорат менамояд ва аз натиҷааш ба Ректори Донишгоҳ гузориш пешниҳод мекунад;
- маълумотномаи ҷонишини декан-эдвайзерони факултет ва шӯъбаи бақайдгирӣ ва машваратиро таҳлил намуда, дар заминаи он маълумотномаи муфассал роҷеъ ба ҷараёни санҷишҳо, мушкилоти ҷойдошта ба Ректори Донишгоҳ пешниҳод менамояд;
- фаъолияти комиссияи аппелятсиониро дар давраи баргузории санҷишҳои тафриқавӣ (дифференсиронӣ) назорат менамояд;
- якҷоя бо зерсохторҳои худ ҷиҳати беҳтар гардидани низоми баргузории санҷишҳои тафриқавӣ (дифференсиронӣ) тадбирҳо меандешад.

## 9.Вазифаҳои декани факултет, эдвайзер ва мудири кафедра дар баргузории санҷишҳои тафриқавӣ (дифференсиронӣ)

9.1. Вазифаҳои декани факултет:

- рафти иҷрои нақшаҳои таълимӣ, риояи ҷадвали тақвимии санҷишҳои тафриқавӣ (дифференсиронӣ) ва омодагии кафедраҳоро барои гузаронидани санҷишҳои дифференсалӣ назорат мекунад;
-фармоишҳо ва супоришҳои заруриро оид ба иҷрои вазифаҳои ҷонишини декан-эйдвайзер, мудирони кафедраҳо баҳри иҷрои нақшаи таълимӣ ва шаффоф баргузоршавии санҷишҳои тафриқавӣ (дифференсиронӣ) ба тасвиб мерасонад;
- таҳия ва таъмини саволномаҳои санҷиши тафриқавӣ (дифференсиронӣ)-ро дар кафедраҳо назорат мекунад;

- ҷараёни баргузории санҷишҳо ва риояи тартиботи муқаррар шуда ва тартибу низомро зери назорат мегирад;

- ҷамъбасти санҷишҳои тафриқавӣ (дифференсиронӣ) ва натиҷагирӣ аз онро ба роҳ монда, барои боз ҳам таҳким бахшидан ба ин раванд ба Раёсати Донишгоҳ пешниҳод менамояд.

9.2. Вазифаҳои мудири кафедра;

- иҷрои барномаҳои таълимии фаннӣ ва азхудкунии онҳоро назорат мекунад;

- саволномаҳои тести таҳияшударо дар ҷаласаи кафедра тасдиқ мекунад ва дар муҳлатҳои муқарраршуда ба Бахши таҳияи тестҳо дар шакли чопӣ ва электронӣ пешниҳод менамояд;

- фаъолияти омӯзгоронро дар ҷараёни таълим, риояи ҷадвали тасдиқгардидаи санҷиши тафриқавӣ (дифференсиронӣ) назорат менамояд;

- ҷамъбасти натиҷаи санҷишҳои тафриқавӣ (дифференсиронӣ)-ро аз фанҳои марбути кафедра таъмин намуда, аз дараҷаи донишазхудкунии донишҷӯён ва сифати таълими омӯзгорон хулосагирӣ менамояд.

9.3. Вазифаҳои эйдвайзер:

- ҷадвали баргузории санҷишҳоро таҳия ва барои тасдиқ пешниҳод менамояд;

- оид ба мувофиқат кардани саволномаҳои санҷиши тафриқавӣ дифференсиронӣ бо барномаи таълимӣ тадбирҳо меандешад;

- иштироки донишҷӯёнро дар рӯзҳои баргузории санҷишҳо таъмин мекунад;

- пур кардани варақаҳои имтиҳониро аз тарафи омӯзгорони фаннӣ дар рӯзи қабули санҷиш назорат мекунад.

## 10.Фаъолияти Шӯъбаи бақайдгирӣ ва машваратӣ зимни баргузории санҷишҳои тафриқавӣ (дифференсиронӣ)

10.1. Самтҳои асосии Шӯъбаи бақайдгирӣ ва машваратии Донишгоҳ дар ташкил ва баргузории санҷиши тафриқавӣ (дифференсиронӣ) аз инҳо иборат аст:

- омода намудани варақаҳои имтиҳонӣ барои бақайдгирии донишҷӯён ва омӯзгорон мувофиқи нақшаҳои корӣ ва фардии таълим;

- таҳия ва назорати риояи тақвими академӣ;

- ташкил ва назорати татбиқи низоми холдиҳӣ;

- назорати раванди санҷиши тафриқавӣ (дифференсиронӣ);
- таъмини донишҷӯён бо ҳуҷҷатҳои зарурии меъёрии ҳуқуқӣ;
-ҷамъбасти натиҷаҳои санҷиши тафриқавӣ (дифференссиалӣ);
- дар асоси натиҷаҳои санҷишҳои тафриқавӣ (дифференсиронӣ) пешниҳод намудани рӯйхат ба декани факултет бо мақсади омодасозии фармон оид ба роҳ додани донишҷӯён ба сессияи имтиҳонӣ.

## 11. Ҳуқуқ ва ӯҳдадориҳои донишҷӯён дар санҷиши тафриқавӣ (дифференсиронӣ)

11.1. Донишҷӯ ӯҳдадор аст, ки барномаи таълимиро давра ба давра ва пурра азхуд кунад.

11.2. Агар донишҷӯ ба санҷиши тафриқавӣ (дифференсиронӣ) дер монда, ба Донишгоҳ ворид шуда бошад, бо розигии худ метавонад дар санҷиш иштирок намояд. Дар ин ҳолат омӯзгор барои иштироки донишҷӯ дар санҷиш бояд монеа нагузорад. Донишҷӯ метавонад ба саволҳо то ба анҷом расидани вақти ба ин дарси КМДРО ҷудошуда ҷавоб гардонад.

11.3. Ҳангоми рӯзи тасдиқгардида бо сабабҳои дар поён қайгардида иштирок накардани донишҷӯ ба ӯ ҳуқуқ дода мешавад, ки санҷиши тафриқавӣ (дифференсиронӣ)-ро берун аз ҷадвал супорад:

- агар дар давраи санҷиши тафриқавӣ (дифференсиронӣ) бемор шуда бошад ва маълумотномаи тиббии шакли муқарраршудаи тасдиқгардида дошта бошад;
- дар рӯзи баргузории санҷиш дар чорабиниҳои умумидонишгоҳӣ иштирок карда бошад, ки аз ҷониби Ректори Донишгоҳ тасдиқ шуда бошад;
- агар донишҷӯ дар олимпиадаҳои фаннӣ, озмунҳо, конфронсҳо, мусобиқаҳои гуногуни варзишии сатҳи гуногун, барномаҳои телевизионӣ ва дигар чорабиниҳои фарҳангию сиёсӣ, ҷамъиятию иҷтимоӣ, ки Раёсати Донишгоҳ иҷозат додааст, ширкат варзад.